Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5, бинои таълимии «В»

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Раҳимов Пайрав Сафаралиевич ба диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмоии ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон мувофиқат мекунад: III.5. Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои рушдёфта ва рӯ ба рушдниҳодаи хоҷагии ҷаҳонӣ, қонуниятҳои рушди ин равандҳо, баҳои ояндаи ҳамгироии иттиҳодияҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ, аз ҷумла ҳамгироии иқтисодии Авруосиё; III.11. Механизмҳои танзими тиҷорати байналмилалӣ; III.18. Стратегияҳои муосири бозорӣ ва нақши онҳо дар инкишофи мубодилаи байналмилалӣ, ҷанбаҳои методии рақобатпазирии байналмилалӣ; III.25. Иқтисоди миллии кишварҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: проблемаҳои муносибсозии ҳамкорӣ ва таъмини манфиатҳои иқтисоди миллӣ. Тазодҳои байналмилалии иқтисодӣ, сабабҳо ва равишҳои ҳалли онҳо.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти равандҳои муосири ҷаҳонишавии иқтисодиёт, шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ ва тағйирёбии низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад. Дар чунин шароит, ҳамгироии минтақавӣ, бахусус барои кишварҳои дорои иқтисодиёти хурд, ҳамчун воситаи муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими мавқеи иқтисодӣ ва таъмини рушди устувор аҳаммияти махсус касб менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) аз соли 2001 дар рушди ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои узви он иштирок менамояд. Бо дарназардошти

иқтидори иқтисодӣ, бозорҳои васеъ ва захираҳои гуногуни кишварҳои аъзои созмон, СҲШ барои густариши робитаҳои тиҷоратӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва таҳкими ҳамгироии минтақавӣ имкониятҳои назаррас фароҳам меорад. Дар ин замина, рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ метавонад ба афзоиши гардиши савдои хориҷӣ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ, рушди ҳамкориҳои энергетикӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои транзитӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзӯи диссертатсионӣ бо зарурати таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, истифодаи имкониятҳои ҳамгироии минтақавӣ ва такмили муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ мутобиқ ба талаботи муосир муайян гардида, интихоби онро ҳамчун самти таҳқиқоти илмӣ асоснок менамояд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба ҳаҷм ва гуногунманбаъ будани иттилооти ҷамъовардашуда асос ёфта, аз коркарди маълумоти назариявӣ, манбаъҳои адабӣ, захираҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои боэътимод таъмин гардидааст. Натиҷаҳои назариявӣ бо таҳқиқоти дахлдори соҳа мутобиқ буда, пайдарпайии илмии онҳо таъмин шудааст. Маълумоти барои иҷрои кори диссертатсионӣ истифодашуда аз манбаъҳои назариявӣ, адабиёти илмӣ, осори классикони назарияҳои иқтисодӣ, фармонҳо, дастурамалҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ҷамъоварӣ гардидааст. Илова бар ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо ва маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва маводҳои лоиҳаҳои таҳқиқотиву чорабиниҳои илмӣ (конфронсу семинарҳо) бахшида ба масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо узви СҲШ, инчунин мақолаҳои илмии маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқот ҷалб карда шудаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқоти пешниҳодшуда дар натиҷаҳои илмии бадастомада ифода ёфта, мазмуну муҳтавои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро муайян менамояд. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот аз инҳо иборатанд:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои давлатҳои хурд ва рӯ ба тараққӣ таҳқиқ ва мушаххас карда шуданд ва ин имкон дод, ки хусусиятҳои иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироӣ амиқтар ошкор карда шудааст;

2. Иттиҳодияҳои ҳамгирои иқтисодии минтақавӣ ва нақши онҳо, аз ҷумла (Созмони ҳамкории Шанхай) дар рушд ва тадбиқи сиёсати хориҷии кишварҳои узв бо назардошти ҷаҳонишавии муосир ва чолишҳои геоиқтисодӣ машаххас карда шуд;

3. Дар асоси маълумотҳои макроиқтисодӣ ва оморӣ вазъият ва динамикаи савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ таҳлил шуда, тамоюлҳои устувор, номутаносибӣ ва векторҳои тағйирёбии муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ арзёбӣ гардида, омилҳои асосии монеаи воридшавии сармоя, инчунин, имкониятҳои густариши ҳамкориҳои сармоягузорӣ дар бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт муайян карда шуд;

4. Самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои СҲШ муайян ва ба низом дароварда шуда, роҳҳои ҳимоявии манфиатҳои стратегии ҷумҳурӣ дар чаҳорчӯби ин ҳамкорӣ муайян карда шуданд. Инчунин, дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви ин созмон дар давраи миёнамуҳлат аниқ гардида, тавсияҳои амалӣ таҳия карда шуданд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи равишҳои муосири назариявию методолоғӣ, такя ба маълумоти боэътимоди илмӣ-оморӣ, назариявӣ, риёзӣ, меъёрӣ ва амалӣ, татбиқи усулҳои санҷидашудаи таҳлили илмӣ ва системакунонии иттилоот, мутобиқати мантиқии раванди таҳқиқот ба ҳадафҳо ва вазифаҳои он, инчунин тавассути санҷишу апробатсияи натиҷаҳо дар нашрияҳои илмӣ, конференсияҳо ва муҳокимаҳо бо мутахассисони амалии соҳа, ҳамчунин баҳои мусбати коршиносони соҳаҳои иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ таъмин гардидааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст. Дар маҷмуъ, матни диссертатсия 183 саҳифаро ташкил намуда, дар он 11 расм, 14 ҷадвал ва 10 диаграмма ҷой дорад.

Дар **муқаддима** (саҳ. 4-12) аҳамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ баррасӣ гардида, мақсад, вазифаҳо, мавзуъ, объект ва фарзияи таҳқиқот муайян шуда, инчунин, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ, тасдиқи натиҷаҳои кор; интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки таҳти унвони **«Асосҳои назариявии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ»** таҳия гардидааст (саҳ. 13-64), муаллиф заминаҳои назариявӣ, ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, нақши иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳои узви онҳо ва ҳамзамон, Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба таври ҳамаҷониба таҳлил намудааст. Дар зербоби аввали боб «Ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ» ҷанбаҳои назариявии савдо ва ё тиҷорати байналмилалӣ, яъне ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва ҳамзамон, ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, ки дар ҷадвали 1 оварда шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор додааст (саҳ. 14).

Муаллиф бо такя ба манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ин ҷараёни табдили муносибатҳои иқтисодии байнидавлатӣ мебошад, ки тадриҷан ба фаъолияти ҳамоҳангшудаи фазои иқтисодии умумии минтақавӣ табдил меёбад. Тиҷорати байналмилалӣ бошад, низоми муташаккили институтсионалии мубодилаи фаромарзии молҳо, инчунин хизматрасониҳо ва захираҳои иқтисодӣ ба шумор меравад, ки ба воситаи он иқтисодиёти миллӣ манфиатҳои ба ҳам алоқамандро амалӣ мегардонад ва ҳамгироиро ба фазои иқтисодии ҷаҳон таъмин менамояд.

Ба андешаи муаллиф, савдои байналмилалӣ ин ҳамкории динамикӣ ва ба ҳамдигар фоидабахши иқтисодиёти мамлакатҳои гуногун мебошад. Ин на танҳо мубодилаи тиҷоратӣ, балки раванди мураккабест, ки робитаҳои ҷаҳонии иқтисодиро ташкил медиҳад ва ба ҷанбаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷаҳони муосир таъсир мерасонад (саҳ. 23). Ҳамчунин, муаллиф дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ модели рушди тиҷорати байналмилалиро дар ҳошияи ҳамгироии иқтисодӣ пешниҳод намудааст (расми 1.1.3, саҳ. 29).

Дар зербоби дуюм муаллиф таснифи маъмултарини панҷ дараҷаи асосии ҳамгироиро муайян намуда, ҳар кадоми онҳоро, ки бо мазмуни иқтисодӣ ва амиқии ҳамкориҳои худ фарқ мекунанд, мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор додааст. Илова бар ин, муаллиф таъсири иқтисодии онҳоро ба иқтисоди

ҷаҳонӣ таҳлил намуда, нақши ҳар кадоми онҳоро ба таври алоҳида арзёбӣ ва асоснок кардааст.

Муаллиф дар диссертатсия қайд кардааст, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳамкории байналмилалӣ байни мамлакатҳо аҳаммияти торафт бештар пайдо мекунад. Яке аз шаклҳои ҳамгироии иқтисодӣ, ки ба рушди муносибатҳои мутақобилан судманди байни давлатҳо мусоидат мекунад, минтақаи озоди савдо мебошад. Ин механизми муҳимест, ки ба коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва таҳкими робитаҳои байни кишварҳои иштирокчӣ мусоидат мекунад (саҳ. 37).

Қисмати муҳими зербоб ба самтҳои такмили низоми ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ дар доираи СҲШ бахшида шудааст (ҷадвали 1.3.2, саҳ. 61). Муаллиф нишон медиҳад, ки самтҳои асосӣ ва тадбирҳои муҳимму мушаххас, ки ба амиқсозии ҳамгироии иқтисодӣ дар доираи СҲШ равона шудаанд, соҳаҳои молия, тиҷорат, нақлиёт, рақамикунонӣ ва танзими ҳуқуқиро фаро мегиранд. Дар ин замина, СҲШ дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ намунаи иттиҳодияи минтақавиеро нишон медиҳад, ки метавонад тавассути ҳамкорӣ, рушди мутақобилан судманд ва талош барои таъмини устувории иқтисодӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ таъсир расонад. Муаллиф бо такя ба ин маълумот асоснок менамояд, ки СҲШ ҳамчун платформаи ояндадори ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ амал мекунад ва қодир аст дар ташаккули тартиботи бисёрқутбии ҷаҳон ва баланд бардоштани суботи иқтисодии кишварҳои узви он саҳми арзанда гузорад (саҳ. 63).

Дар боби дуюми диссертатсия, ки таҳти унвони **«Вазъи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай»** таҳия гардидааст (саҳ. 65-121), таҳлили ҳамаҷониба ва тамоюлҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, инчунин таҳлил ва таъсири омилҳои асосӣ ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва раванди ҳамгироии кишварҳои узви СҲШ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, мушкилот ва тамоюлҳои рушди онҳо низ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Мақсади асосии боб нишон додани он аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, аз қабили Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва дигар кишварҳо, равобити тиҷоратиро фаъолона инкишоф медиҳад. Ҳамзамон, дурнамо ва мушкилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи савдои хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Яке аз омилҳои асосии рушди ин соҳа беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ мебошад, ки метавонад ба транзити самаранок ва арзонтари мол мусоидат намояд. Тиҷорати хориҷӣ ҳамчун ҷанбаи муҳимми

иқтисодиёти кишвар ба рушди иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолӣ таъсири назаррас расонида, ҳамкориҳои мутақобила бо шарикони хориҷӣ ба навсозии инфрасохтор ва рушди бахшҳои алоҳида мусоидат мекунанд. Бо вуҷуди ин, кишвар бо мушкилоте, аз қабили вобастагӣ аз манбаъҳои берунӣ ва зарурати такмили шабакаи нақлиётӣ рӯ ба рӯ мебошад. Дар оянда Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти тағйироти ҷаҳонӣ ва беҳтар гардидани вазъи иқтисодии дохилӣ имконият дорад, ки нақши хӯдро дар арсаи байналмилалӣ, бахусус дар доираи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои узви СҲШ густариш диҳад. Зеро Созмони ҳамкории Шанхай кишварҳоеро муттаҳид менамояд, ки барои тавсеаи ҷавобити иқтисодӣ, махсусан дар соҳаи тиҷорат, фаъолона талош мекунанд ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо онҳо дар сиёсати иқтисодии кишвар нақши муҳим доранд (саҳ. 72).

Муаллиф бо такя ба маълумоти оморӣ асоснок менамояд, ки ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ аз нигоҳи тавсеаи бозорҳои фурӯш, ҷалби сармоягузорӣ ва навсозии инфрасохтор аҳаммияти бузург доранд. СҲШ барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати амиқсозии ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат мекунад, ки ин раванд ҳам ба Тоҷикистон ва ҳам ба кишварҳои узви созмон нафъи мутақобилан мерасонад. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви СҲШ барои тавсеаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо дигар кишварҳои узви ин созмон дорои дурнамои бузург мебошад.

Муаллиф дар диссертатсия омилҳои ба рушд ва коҳиши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар доираи СҲШ таъсиррасонро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, тавсифи онҳоро пешниҳод намудааст (ҷадвали 2.2.1, саҳ.90). Дар баробари омилҳое, ки метавонанд ба рушди иқтисодӣ дар доираи СҲШ мусоидат намоянд, омилҳое низ мавҷуданд, ки ба рушди устувор монеа эҷод мекунанд. Муаллиф қайд менамояд, ки солҳои охир ҳамкориҳо дар доираи СҲШ таҳким ёфта, ба ин раванд як қатор омилҳое таъсир мерасонанд, ки ҳам имкониятҳо ва ҳам мушкилоти ҳамкориро муайян мекунанд. Таҳлили онҳо барои муайян намудани равандҳои мусоидаткунанда ба рушди робитаҳои иқтисодӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкорӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Пеш аз ҳама, суботи сиёсӣ ва эътимоди мутақобилаи кишварҳои узв шарти муҳимми густариши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, низоъҳои минтақавӣ ва танишҳои геополитикӣ метавонанд имкониятҳои ҳамгироиро маҳдуд намуда, ба ҳаҷми тиҷорати мутақобила таъсир расонанд (саҳ. 99). Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки муваффақияти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи СҲШ аз муносибати ҳамаҷониба ба ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва институтсионалӣ

вобаста мебошад. Танҳо дар сурати рушди мутаносиби ин ҷанбаҳо заминаи мустаҳками шарикии пойдор ва мутақобилан судманд фароҳам оварда мешавад. Таҳкими заминаи институтсионалӣ ва амиқтар гардидани робитаҳои иқтисодӣ имкон медиҳанд, ки СҲШ ба омили муҳимми рушди кишварҳои узви худ ва унсури муҳимми меъмории иқтисодии ҷаҳон табдил ёбад.

Дар ин қисмати диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити номуайянии иқтисодӣ ва буҳронҳои молиявӣ масъалаҳои ҳамкорӣ дар самти сармоягузорӣ аҳаммияти ниҳоят муҳим ва рузмарра пайдо мекунанд. Дар ин замина, СҲШ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон майдони хеле муҳим ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама ба ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, рушди робитаҳои иқтисодӣ ва таҳкими шарикии стратегӣ мусоидати ҳамаҷониба менамояд. Иштирок дар СҲШ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на танҳо ба равандҳои минтақавӣ ворид гардад, балки аз кишварҳои пешрафтаи узви он дастгирии сармоягузорӣ низ дарёфт намояд.

Муаллиф асоснок менамояд, ки ҳамкориҳои сармоягузорӣ бо кишварҳои узви СҲШ дорои иқтидори баланд буда, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои рушди устувори иқтисодиро дар сатҳи минтақавӣ фароҳам оварда метавонанд. Кишварҳои узви СҲШ, бахусус Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Россия, дорои иқтидори қавии иқтисодӣ буда, метавонанд ҳамчун сармоягузорони асосӣ на танҳо захираҳои молиявӣ, балки технологияҳои пешрафтаро низ пешниҳод намоянд. Такмили заминаи қонунгузорӣ, коҳиши монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани шаффофияти фазои соҳибкорӣ ба ҷалби бештари сармоягузорӣ аз кишварҳои узви СҲШ мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои иқтисодии СҲШ барои ҷалби сармоя ба бахшҳои афзалиятнок имкониятҳои нав фароҳам меорад. Истифодаи мақсадноки ин имкониятҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳадафҳои иқтисодии худро амалӣ намуда, шукуфоии дарозмуддатро таъмин созад. Дар маҷмуъ, ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ ҷузъи муҳимми рушди иқтисодии кишвар буда, ба таҳкими иқтисоди миллӣ ва беҳтар гардидани мавқеи он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамоянд (саҳ. 120).

Дар боби сеюми диссертатсия, ки таҳти унвони **«Самтҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай»** таҳия гардидааст (саҳ. 122-157), муаллиф роҳҳои ҳимояи манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай муайян намуда, дар ин замина дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо мамлакатҳои узви ин созмон дар шароити нави геоиқтисодӣ таҳлил намудааст.

Дар идомаи таҳқиқот муаллиф ҳадафҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви СҲШ (аз ҷумла Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ғайра) дар ҷадвали 3.1.2. ба низом даровардааст. Аз ҷадвали пешниҳодгардида бармеояд, ки иштирок дар ин созмон барои давлат имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Вобаста ба ин, муаллиф қайд менамояд, ки Тоҷикистон СҲШ-ро на танҳо ҳамчун созмони сиёсӣ, балки ҳамчун яке аз векторҳои асосии рушди иқтисодии худ арзёбӣ менамояд.

Муаллиф манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба таҳкими иқтисоди миллӣ тавассути ҳамкориҳои минтақавӣ, ҷалби сармоя ва иштирок дар лоиҳаҳои бузурги ҳамгироӣ нигаронида шудаанд, арзёбӣ намуда, дар ин замина SWOT-таҳлили иштироки иқтисодии кишварро дар Созмони ҳамкории Шанхай дар шакли ҷадвал пешниҳод намудааст (саҳ. 136). Истифодаи фаъолонаи имкониятҳои мавҷуда, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, тавсеаи тиҷорат ва ҷалби сармоя, метавонад ба таҳкими назарраси иқтисодиёт мусоидат намояд.

Дар маҷмӯъ, афзалиятҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СҲШ ба иштироки фаъолона дар ташаббусҳои нави минтақавӣ, баланд бардоштани иқтидори институтсионалӣ, рушди сармояи инсонӣ ва амиқтар намудани ҳамкориҳои минтақавӣ нигаронида шудаанд. Татбиқи ин афзалиятҳо имкон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии кишвар беҳтар гардида, мавқеи он дар СҲШ мустаҳкам ва рушди устувору мутавозини иқтисодӣ таъмин карда шавад. Дар асоси таҳлил муаллиф ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи СҲШ-ро воситаи муҳимми таъмини рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамояд.

Муаллиф аҳаммияти ҳамкориҳои нақлиётиву логистикӣ ва энергетикиро дар доираи СҲШ барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон асоснок намуда, таъкид мекунад, ки мавқеи ҷуғрофӣ ва захираҳои обии кишвар барои густариши имкониятҳои транзитӣ, рушди гидроэнергетика ва афзоиши содироти неруи барқ заминаи мусоид фароҳам меоранд (саҳ. 140). Ҳамзамон, ҳамкориҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва соҳибкории хурду миёна метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, диверсификатсияи иқтисодиёт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намоянд.

Дар ин замина, муаллиф самтҳои асосии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистонро бо кишварҳои узви СҲШ муайян намуда, рушди фазои сармоягузорӣ, тақвияти иқтидори энергетикӣ, ташкили долонҳои

нақлиётӣ, истифодаи имкониятҳои транзитӣ, рушди бозори хизматрасонӣ, саноат ва бахши воқеии иқтисодиётро пешниҳод менамояд (расми 3.2.1, саҳ. 142).

Инчунин, дар расми 3.2.2. самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, аз ҷумла тиҷорат, сармоягузорӣ, энергетика, саноат, молия ва кишоварзӣ низомнок карда шудаанд. Пешниҳодҳои муаллиф ба амиқтар намудани ҳамгироии минтақавӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ равона гардидаанд.

Дар **хулосаи** кори диссертатсионӣ (саҳ.158-160) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои хусусияти амалидошта оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмоии ҳамкории Шанхай оварда шудаанд.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳамияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот заминаи назариявии ба низом даровардани равишҳои илмии омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, инчунин, равшан намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳамкориҳои иқтисодии СҲШ-ро такмил дода, равишҳои муосири методологиро пешниҳод менамоянд. Хулосаҳои илмии муаллиф ба густариши дониши илмӣ дар ин самт ва таҳияи тадқиқоти минбаъда мусоидат мекунанд.

Аҳамияти амалии диссертатсия дар пешниҳоду тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳаҳо ва ташаббусҳои тиҷоратию иқтисодии СҲШ ифода меёбад. Истифодаи онҳо ба такмили механизми ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ ва роҳҳои ҳимояи манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои СҲШ мусоидат менамояд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар такмили механизмҳои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти чолишҳои иқтисодии ҷаҳонӣ зоҳир мегардад. Татбиқи тавсияҳо метавонад ба амиқтар шудани ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, васеъшавии робитаҳои тиҷоратию хориҷӣ, ҷалби сармоягузорӣ, таҷдиди инфрасохтор ва афзоиши ҳамгироӣ ба равандҳои иқтисодии минтақавӣ ва ба рушди иқтисодии кишвар оварда расонад.

Аҳамияти иҷтимоии диссертатсия дар доираи тақвияти ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ ба суръат бахшидани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар густариши ҳамкориҳо

дар доираи ҷалби сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори нақлиёт, васеъ кардани бозори фурӯш, энергетика, саноат, молия ва кишоварзӣ ифода меёбад. Ин ҷанбаҳо ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Доир ба мавзуи таҳқиқот 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудаанд, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқарраргардида

Ба расмиятдарории диссертатсия ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) мувофиқ мебошад. Дар бахши муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷиҳатҳои муҳимми диссертатсия инъикос гардидаанд. Меъёрҳои дигари марбут ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо, расмҳо ва тартиби ороиши рӯйхати адабиёт дар диссертатсия риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мутобиқ ба талаботи амалкунанда тартиб дода шуда, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои асосии кори диссертатсиониро пурра инъикос менамояд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар дар таҳқиқот таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ муфассалтар мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар заминаи омӯзиши муқоисавии он хусусиятҳо, фарқиятҳо ва имкониятҳои татбиқи таҷрибаи пешқадам дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешуданд.

2. Ба манфиати кор мебуд, агар дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба рушди иқтисоди рақамӣ мавриди баррасии амиқтар қарор гирифта, дар ин замина тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати густариши ҳамкориҳои тиҷоративу сармоягузорӣ ва таҳкими равандҳои ҳамгироии кишварҳои узви СҲШ дар соҳаи мазкур пешниҳод мегардиданд.

3. Дар баъзе қисматҳои рисола мувофиқи мақсад мебуд, ки пешниҳодҳои муаллиф аз ақидаҳои гирифташудаи адабиёти илмӣ возеҳтар ҷудо карда шаванд, то саҳми илмии муаллиф равшантар нишон дода шавад.

4. Бархе ҷадвалҳо ва нақшаҳо метавонанд бо шарҳ ва тавзеҳоти муфассалтар таъмин гарданд, ки ин ба баланд бардоштани аҳамияти таҳлилии онҳо мусоидат хоҳад кард.

5. Хубтар мебуд, агар дар кор баҳодиҳии миқдории самараи иқтисодии татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда пурратар инъикос мегардид, ки ин ҷанбаи амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшад.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида, хусусияти тавсиявӣ дошта, асоснокӣ, эътимоднокӣ ва навгонии кори диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи «Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмоии ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.21 – Иқтисодиёти ҷаҳон пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молияи
ДДБ ба номи Носири Хусрав Раҳимов П.С.

Имзои Раҳимов П.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: 8(3222) 2-54-81, 2-22-53;
E-mail: bgu-1978@mail.ru